«Тасдиқ мекунам»

Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ________ Усмонзода А.И.

«_19_» ___10___2024 с.

**ХУЛОСАИ**

МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

оид ба диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050611–Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт.

Соли 2010 Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна ба ихтисоси менеҷменти молиявии факултети бизнес ва идоракунӣ ба Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба дохил шуда, соли 2014 донишгоҳи номбурдаро бо муваффақият хатм намуда ба шӯъбаи магистратураи ДДҲБСТ аз рӯи ихтисоси менеҷмент дохил шуда соли 2016 хатм намудааст.

Соли 2018 ба докторантура PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600 “Иқтисодиёт” дохил шуда, соли 2021 бо муваффақият хатм намудааст. Имтиҳони давлатии маҷмӯиро бо баҳои аъло супоридааст.

Соли 2017 ба кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ дар вазифаи муаллим ба кор қабул шудааст.

Аз соли хониши 2017-2018 дар кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар вазифаи муаллим кор кардааст.

Аз соли 2018 то 2020 дар вазифаи муовини декан оид ба тарбияи факултети молия ва иқтисодиёти бозори МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” адои вазифа кардааст. Аз моҳи майи соли 2022 тариқи озмун муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ тайин гардидааст. Аз соли 2023 то ҳол ҳамчун муаллими калони кафедраи молия ва андоз фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Мирбобоева М.И. дар Шурои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”аз таърихи 29.11.2018, протоколи №4 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Мамадов Сайидмуродхон Валиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва андози МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” мебошад.

Маълумотномаи академӣ (транскрипт) оид ба супоридани имтиҳонҳои давлатӣ аз 30.03.23, аз тарафи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дода шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт чунин хулоса қабул карда шуд:

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Баҳои кори иҷрошуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи таҳқиқотӣ оид ба баланд бардоштани эҳсонкорӣ ҳамчун хизмати иҷтимоӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият дохил мешавад. Дар байни онҳо проблемаҳои дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ, маориф, маданият ва ғайра ҳастанд. Ҳоло на танҳо тадбирҳои таъхирнопазири иҷтимоӣ аз ҷониби давлат зарур аст, балки эҳёи анъанаҳои фаромӯшшудаи миллӣ, ки ба расонидани кӯмакҳои эҳсонкорӣ, рушди сарпарастӣ ва дастгирии маориф, илм ва фарҳанг аз табақаҳои сарватманди аҳолӣ нигаронида шудаанд, зарур аст.

Принсипҳои ахлоқии соҳибкории ватанӣ ҳамеша самти иҷтимоии тиҷоратро барои кӯмак расонидан ба қишрҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ пешбинӣ кардаанд. Ба ин таърихи хайрхоҳӣ, ки решаҳои чуқури иқтисодию ахлоқӣ дорад, гувоҳӣ медиҳад. Он барои соҳибкорон ва сарпарастони муосири ватанӣ, ки то ҳол тамоми зарурати объективии ин намуди фаъолият ва масъулияти худро барои ҳар чизе, ки дар ҷомеа рух медиҳад, пурра дарк накардаанд, ҳамчун дастури хуб хизмат мекунад. Ҳамаи ин аҳамияти омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодии эҳсонкориро дар ҷомеаи муосир муайян мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб**. Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди

маълумоти омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши ҳолат ва афзалиятҳои дастгирии иҷтимоию иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳтар гардонидани рушди фаъолияти эҳсонкорӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар коркарди асосҳои назариявию методии такмили механизмҳои эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар субъектҳои бахши номбурдаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Натиҷаҳои назарраси илмие**, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод шуда, навгонии илмии таҳқиқотро муайян мекунанд, чунинанд:

1. Зимни назарияи иқтисодии сегона оид ба омилҳои истеҳсолот (замин, меҳнат, сармоя) муайян карда шуд, ки эҳсонкорӣ хоса дар муҳтавои категорияи сармоя тавлид ёфта, дар баробари фоида, фосилаи бевоситаи он маҳсуб меёбад;

2. Мафҳумҳои “эҳсонкорӣ”, “ҳасана”, “хайрия”, ҳамчун категорияи иқтисодӣ тасдиқ мегардад. Дар баробари он, ки фаъолияти эҳсонкорӣ ва эҳсонкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ дар тафаккури ҷомеа беғараз, беподош ва холис аз ба даст овардани фоида ва суд нақш баста бошад ҳам, фаъолияти мазкур, зимни ақидаҳои тамаддунӣ, динӣ ва мазҳабӣ, баҳри ноил гаштан ва ба даст овардани манфиатҳо ва қонеъ намудани талаботи ғайримустақими субъекти хоҷагидорӣ равона мегардад;

3. Ҳисоби “потенсиали иқтисодии эҳсонкорӣ” таҳрезӣ ва барои истифодаи илмӣ пешниҳод мегардад:

3.1. Зери “потенсиали иқтисодии эҳсонкории шахси инфиродӣ” мутаносибии мустақими он аз ҳиссаи андӯхт, ки пулҳои захиравии шахси инфиродиро дарбар мегирад, инъикос менамояд: $ChP_{ind} = 0{,}025M$, ки $ChP_{ind}$ – потенсиали эҳсонкории (charitable potential); М-ҳиссаи андӯхт ба шакли пулҳои захиравии шахси инфиродӣ; 0,025– коэффитсиенти эҳсонкорӣ барои шахси инфиродӣ мебошад;

3.2. Зери “потенсиали иқтисодии эҳсонкории субъекти хоҷагидорӣ” мутаносибии мустақими он аз ҳиссаи фоидаи андозбандишавандаро дарбар мегирад, инъикос менамояд: $ChP_{ent} = 0{,}1P$, ки $ChP_{ent}$ – потенсиали эҳсонкории субъекти хоҷагидорӣ; $P$ - фоидаи андозбандишавандаи субъекти хоҷагидорӣ; 0,1– коэффитсенти эҳсонкорӣ барои субъекти хоҷагидорӣ мебошад.

4. Мавҷудияти асимметрияи иттилоот оид ба эҳсонкорӣ дар бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ муайян карда шуд. Эҳсонкорӣ (хайрия) дар ҳолати ихтилофи иттилоот ба ҳолати бавуҷудоии интихоби манфӣ (adverse selection) дар бозори хизматрасонӣ оварда мерасонад. Асимметрияи иттилоот оид ба эҳсонкорӣ аз он иборат аст, ки зимни сарчашмаҳои фарҳангӣ, маънавӣ, динӣ, мазҳабӣ подоши эҳсонкорӣ ба эҳсонкор дар фазои (муҳити) ирратсионалӣ ваъда дода мешавад;

5. Эҳсонкории субъектҳои хоҷагидорӣ зимни "эффекти Веблен" ба вуҷуд омада, фаъолнокӣ ва самаранокӣ дар таносуби бевоситаи он қарор дорад. Муайян карда шуд, ки рафтори эҳсонкории субъектон ба хотири қонеъ намудани худнамоишии сарватмандӣ, ҳиссиёти рақибӣ ва шуҳратпарастии онҳо равона шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аксарияти муқаррароти таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи фаъолияти эҳсонкорӣ, пурра гардидани дониш дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои ҳосилшудаи таҳқиқоти илмӣ барои ташаккули низоми муосири соҳаи эҳсонкорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ дар курсҳои таълимии "Менеҷмент", "Маркетинг", "Иқтисодиёти ҷаҳон", "Андоз ва андозбандӣ", "Молия ва қарз", "Баҳисобгирии муҳосиби таҳлил ва аудит" инчунин дар таҳияи курсҳои махсуси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ, молия дар соҳаи иҷтимоӣ истифода шуда метавонанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 6D050611–Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт: 3.1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва умумимиллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, 3.7. Тамоюлоти муосири рушди шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар муассисаҳои соҳаҳои хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоёт, 3.9. Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, 3.16 Таҳкими иқтидори иқтисодиву иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф, ва иҷтимоёт, 3.18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, 3.19. Рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 19 мақолаи илмӣ, аз он 5 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 3,5ҷ.ч. инъикос шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 199 саҳифаи матни компютерӣ, аз ҷумла 18 ҷадвал, 18 диаграмма ва 1 расмро дар бар мегирад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои дурнамои давлатӣ, Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2030, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 таҳия гардидааст. Аз ҳама муҳимаш, таҳқиқоти мазкур бо татбиқи амалии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ», ки санаи 22 апрели соли 2003, таҳти № 118 қабул гардида, бори охир ба он санаи 24 декабри соли 2022 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст, мувофиқат мекунад.

**Мавҷудияти санади тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.** Санади тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров аз 15.10.2024 №01/5920 ва аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинг 11.10.2024 № 136/1-7

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Мирбобоева М.И. Нақши Пешвои миллат дар ташаккулёбии тафаккури эҳсонкорӣ байни соҳибкорони ватанӣ [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2019. №1(48). - С. 132-137 (ISSN 2077-4974).

[2-М]. Мирбобоева М.И. Фаъолияти эҳсонкории соҳибкорони ватанӣ дар инкишофи соҳаҳои иҷтимоии кишвар [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ

ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2019. №1(47).– С. 126-132 (ISSN 2077-4974).

[3-М]. Мирбобоева М.И. Асосҳои назариявии иқтисодиёти эҳсонкорӣ: мафҳум, мӯҳтаво ва таснифоти он. [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2021. №2(57). – С. 146-150 (ISSN 2077-4974).

[4-М]. Мирбобоева М.И. Генезиси фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ: аз давраи дунёи қадим то марҳилаи муосир. [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2021. №2(57). – С. 139-145 **(ISSN 2077-4974).**

[5-М]. Мирбобоева М.И. Таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи фаъолияти эҳсонкорї (хайриявї) дар марҳилаи муосир [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2023. №1(68). – С. 166-173 (**ISSN 2077-4974**).

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Мирбобоева М.И. Эҳсонкорӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ: таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ. / М.И. Мирбобоева. С.В. Мамадов, //. Международное научно-практическое конференция «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2019: CENTRAL ASIA». Астана, Казахстан: 18 марта 2019. С. 16-21 (0,3ч.ч.)

[7-М]. Мирбобоева М.И. Нақши паёми Пешвои миллат дар таҳкими буҷети давлатӣ ва маблағгузории соҳаҳои иҷтимоии кишвар. / М.И. Мирбобоева. С.В. Мамадов, //. Конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Паёми Пешвои миллат – оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ–иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон». ш. Панҷакент: Паёми Донишкада/Махзани илм. 2019, № 1/1. - С. 545-551(0,3 ч.ч.)

[8-М]. Мирбобоева М.И. Фаъолияти эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мафҳум, муҳтаво ва таснифоти он. Конференсияи илмӣ–амалии донишгоҳӣ дар МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти унвони "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм" – Хуҷанд, 2019 .– С. 6 - 8. (0,2 ч.ч.)

[9-М]. Мирбобоева М.И. Экономические аспекты благотворительной деятельности. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, //. IV- Республиканская научно–практическая конференция "Наука – основа инновационного развития" – Душанбе, 2019, ТТУ им.ак. М.С.Осимӣ.– С.175-177 (0,2 ч.ч.)

[10-М]. Мирбобоева М.И. Экономические аспекты развития спонсорства и благотворительности в Таджикистане: состояние и перспективы. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // Международная научно-практическая конференция «Modern engineering education: contemporary international challenges and perspectives» в рамках международного проекта extend 586060-epp-1-2017- po-eppka2-cbhe jp «excellence in engineering

education through teacher training and new pedagogic approaches in Pussia and Tajikistan» 2019- С.42 (0,15 ҷ.ч.)

[11-М]. Мирбобоева М.И. Фаъолияти эҳсонкории соҳибкорон дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, //. Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ, бахшида ба 30- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2019. ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд.– С.335-339. (0,5 ҷ.ч.)

[12-М]. Мирбобоева М.И. Формирование благотворительной деятельности в перерасприделательных экономический отношениях Республики Таджикистан. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ таҳти унвони «Саноатикунонии босуръат: таърих ва замони муосир».– МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». Хуҷанд, 2019.– С.

[13-М]. Мирбобоева М.И. Ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкории соҳибкорони ватанӣ дар таъмини саноатикунонии босуръати кишвар. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои иқтисодию молиявии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ» ДДҲБСТ. Хуҷанд, 2021.

[14-М]. Мирбобоева М.И. Изучение благотворительной деятельности в экономических отношениях Республики Таджикистан. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумхуриявӣ дар мавзуи “Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумхурии Тоҷикистон” бахшида ба 10-солагии таъсисёбии ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. 2019

[15-М]. Мирбобоева М.И. Нуқтаҳои асосии иқтисодиёти эҳсонкорӣ: мафҳум, муҳтаво ва таснифот. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // XI Международное научно-практическое конференция «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2020: CENTRAL ASIA». Астана, Казахстан: 2020.– С. 15-18 (03ҷ.ч.)

[16-М]. Мирбобоева М.И. Таҳаввули фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ: аз давраи дунёи қадим то марҳилаи муосир / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // XII Международное научно-практическое конференция «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2021: CENTRAL ASIA». Астана– Казахстан: 2020 С. 29-34 (03ҷ.ч.)

[17-М]. Мирбобоева М.И. Таҳлили институтсионалии фаъолияти эҳсонкорони ватанӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоӣ дар охири асри XIX оғози асри XX. / М.И. Мирбобоева С.В. Мамадов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба ҷашнҳои бузурги “5500 солагии саразми бостонӣ”, “700–солагии Камоли Хуҷандӣ” ва “Бистсолагии омӯзиш ва рушди

фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф(солҳои 2020-2040) ДМТ.– Душанбе, 2020.

[18-М]. Мирбобоева М.И. Благотворительность на краудфандинговых платформах в условии цифровой экономики свободного заработка / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // международная научно-практическая конференция. Узбекистан, г. Карши,– 2021.– С.55-61

[19-М]. Мирбобоева М.И. Charitable activities in the context of digitalization / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // Международная конференция «Smart Technologies for Society, Government, Economy» г.Ростов на Дону, 2023.–С. 21-28

Ҷаласаи васеи кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" бо ҷалби муттахассисони соҳа гузаронида мешавад, ва дар ҷаласа,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

**1.** Диссертатсияи докторант PhD Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси, 6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт ба итмом расида ҳисобида шуда, пешниҳод гардидааст, ки таҳқиқоти илмӣ–тахассусии самти иқтисодӣ муҳим барои рушди иқтисодиёти минтақа арзёбӣ гаштааст. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.

**2.** Бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, дурустии муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, навоварии илмии натиҷаҳои бадастомада, баррасиҳои мусбати муқарризони холис, рисолаи илмии Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**3.** Аз раёсати донишгоҳ дархост карда шавад, ки ба докторант (PhD) Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна ҷиҳати ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мактуби ҳамроҳ дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи назарияи иқтисодӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа якдилона қабул карда шудааст.

Ҳангоми овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 30 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла: 6 нафар доктори илмҳои иқтисодӣ, 16 нафар номзади илмҳои иқтисодӣ, 8 нафар сармуаллим.

Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид:
“ тарафдор ” – 30,
“ зид ” – нест,
“ бетараф ” – нест.
Протоколи № 4“б” аз 19 октябри соли 2024 тасдиқ гардидааст.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи
назарияи иқтисодии факултети иқтисодии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
д.и.и., профессор __________ Алиджанов Дж.А.

**Котиби ҷаласа,**
дотсенти кафедраи
назарияи иқтисодии факултети иқтисодии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” __________ Абдувалиева Н.А.

Муқарриз: д.и.и., дотсент __________ Арипов О.Ҳ.

Муқарриз: д.и.и., дотсент __________ Облоқулов В.М.

Муқарриз: н.и.и., дотсент __________ Азизова Ш.Ғ.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Ҳусейнова З.С.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбекова 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39;